Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар замони муосир бо назардошти он ки ҷараёнҳои тундгарои динӣ дар саросари ҷаҳон таблиғоти худро паҳн мекунанд, ин масъала ба яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти илми ҷомеашиносии муосир табдил ёфтааст.

Бояд таъкид кард, ки масъалаи мазкур кайҳо боз дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ қарор дошта, дар доираҳои таҳқиқотӣ фаъолона баррасӣ мешавад.

Зуҳуроти мазкур бо доштани иқтидори вайронгар таъсири амиқе ба муносибатҳои байналмилалӣ ва устувории дохилии давлатҳо мерасонад, ки монеаи ҳамзистии осоишта, амният ва рушди устувори ҷомеа мегардад.

Тундгарории динӣ на танҳо тамомияти давлатҳои дунявиро зери хатар мегузорад, балки асосҳои тамаддуни ҷаҳониро низ заиф сохта, бо меъёрҳои умумиинсонии гуманизм, таҳаммулпазирӣ ва гуногунрангии фарҳангӣ мухолиф мегардад. Намуди зоҳирии он характери иҷтимоӣ-вайронгар дошта, таблиғоти ифротгароёна, зӯроварӣ ва амалҳои террористиро дар бар мегирад, ки тартиботи ҷамъиятиро ноустувор намуда, амнияти давлатиро зери хатар мегузорад.

Мубориза бо тундгароии динӣ муносибати низоммандро талаб мекунад, ки таҳлили илмии механизмҳои паҳншавии он, таҳияи стратегияҳо барои коҳиши нуфузи он ва таҳкими принсипҳои муколамаи байнифарҳангиро дар бар мегирад. Ин омилҳо барои таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва рушди устувор аҳамияти калидӣ доранд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, омӯзиши масоили марбут ба радикализми динӣ аҳамияти назариявӣ ва амалии зиёд пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, рисолаи номзадии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзӯи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» аҳамияти муҳим дошта, баҳри шинохти ин масъала мусоидат менамояд. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян

намудани моҳият ва хусусияти тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа ташкил медиҳад.

Муаллифи рисола ҷанбаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод намудааст:

– хусусиёт ва моҳияти фарқкунандаи «тундгароии динӣ» омухта шуда, манбаҳоии асосии ақидатӣ ва ҷаҳонбинии ин ҷараён бараси гардидаанд;

– сабабҳои пайдоиш, ташаккул ва паҳн гаштани ин падидаи номатлуб дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон баён гардидааст;

– роҳҳо, шаклёбӣ ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинӣ, инчунин моҳияти тафаккури сиёсӣ ва ҳуқуқии насли наврас дар кишвар мавриди таҳлили интиқодӣ қарор гирифтааст;

– василаҳоии асосии боло бурдани сатҳи шуъурнокӣ ва маърифати сиёсии насли наврас омӯхта шуда, роҳҳо ва омилҳои пуртаъсири мубориза ва муқовимат ба тундгароии динӣ таҳлил гардидаанд;

– ҷойгоҳ ва мақоми васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар нашр ва паҳн намудани таълимоти тундгароии динӣ омӯхта шуда, тарз, усул ва роҳҳои муқовимат бо ин падидаии номатлуб пешкаш гардидаанд;

– нақши афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф дар рисола мавзуи мазкурро мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ қарор дода, унсурҳои асосии омӯзиши масъаларо нишон додааст. Дар автореферат таҳқиқоти мазкур ба таври мукамал пешниҳод гардида, ҳадаф ва дурнамои он муайян шудааст.

Муаллиф дар автореферат кӯшиш намудааст, ки фишурдаи рисоларо ба таври мукамал пешниҳод намояд. Дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаи таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсияи номзадии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзӯи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» аҳамияти муҳим касб менамояд.

Ба сифати норасоии таҳқиқот ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки довталаб ба масъалаи роҳу усулҳои муқовимат ва мубориза бо тундгароии динӣ диққати камтар додааст. Аз ин рӯ, ба муаллифи диссертатсия пешниҳод менамоям, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба ин масъалаи хеле мубрам низ диққати зарурӣ диҳад.

Камбудиҳои номбурда ислоҳшаванда буда, ба мазмуни рисолаи илмӣ таъсир расонида наметавонад. Автореферати диссертатсия ба мазмуни рисолаи илмӣ пурра мувофиқ буда, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва методҳои истифодагардидаи он пурра ба талаботи пешниҳоднамудаи корҳои диссертатсионӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Муовини аввал,
муовини директори иҷроия оид ба илм,
инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.М. Диноршоҳ

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

«11» 03 соли 2025